# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи «Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед ба таҳқиқи як соҳаи муҳимми илмҳои суханшиносӣ – матншиносии адабиёти тоҷик (дар мисоли матнҳои чопии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ) бахшида шудааст. Унвонҷӯ масъалаи таърихи эҷоди калонтарин асари адиб – «Ёддоштҳо»-ро ба миён гузошта, таҳриру тағйироти дар сохтор ва мундариҷаву услуби матнҳои чопии асар рух додаро мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст.

Навгониҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он нахустин таҳқиқи матншиносии «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Дар кор бори аввал ҳамаи матнҳои чопии дар давраи ҳаёти муаллиф ба табъ расида ва матни дар ҷилдҳои 6-7 Куллиёти 15-ҷилда дарҷ гардидаи “Ёддоштҳо” мавриди қиёс ва муҳокима қарор гирифта, зарурати нашри илмӣ-интиқодии асар ба миён гузошта шудааст. Таҳқиқи таърихи эҷоди «Ёддоштҳо» чун таҷассумгари ҷустуҷӯҳои адабӣ ва таҷрибаи бойи нигорандагии нависанда дорои қимати баланди илмӣ мебошад. Тағйирот ва иловаҳои минбаъдаи нависанда ба такмили сохтории «Ёддоштҳо» мусоидат намуда, боиси боз ҳам такмил ёфтани мундариҷаи ғоявии асар гардидаанд.

Сарчашмаи таҳқиқро, пеш аз ҳама, матнҳои маҷаллавӣ ва китобии дар давраи дар қайди ҳаёт будани устод С. Айнӣ ба нашр расидаи “Ёддоштҳо” ташкил медиҳад. Ҳамчунин, ҷилдҳои 6-ум ва 7-уми Куллиёти нависанда низ, бо мақсади баррасиҳои қиёсӣ, мавриди мутолиа ва пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Мукотиботи устод Айнӣ ба нависандагони тоҷик дар мавриди чопи «Ёддоштҳо» дар таълифи рисола чун манбаи муҳим ва боэътимод пазируфта шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия аз

асарҳои илмии шарқшиносону донишмандони ватанию хориҷӣ, китобҳои назарии матншиносони русу тоҷик ба ҳадди зарурӣ истифода гардидааст.

Таҳлилу таҳқиқи матнҳои чопии «Ёддоштҳо» ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки бидуни дарки возеҳи корҳои таълиф, таҳрир, ислоҳ, чоп ва ғайра, ки ба сифати матн таъсир мерасонанд, омӯзиши матншиносии фардӣ имкон надорад. Гузашта аз ин, таърихи матни «Ёддоштҳо» ба таърихи адабиёти даври нави тоҷик, таърихи афкори иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа алоқаи наздик дорад, бинобар ин, таҳқиқи мазкур дар омӯзиши дигар масъалаҳои адабиёти давраи нави тоҷик низ мусоидат хоҳад кард.

Диссертатсия дар асоси методи муқоисавӣ-таърихӣ ва равиши адабӣ-структуравии омӯзиши таърихи матни асари бадеӣ таълиф гардидааст. Дар раванди пажӯҳиш диссертант ба назария ва усули таҳқиқу дастовардҳои илмии адабиётшиносон ва муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намудааст.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар 13 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳо ва арзиши таҳқиқот ва моҳияти мавзӯи таҳқиқотӣ зикр ёфта, масоили марбут ба накди матни осори С. Айнӣ, такмили сохторӣ ва бандубаст, таҳриру такмили мундариҷа, тағйироти порчаҳои шеърӣ, тағйиру такмили забону услуби «Ёддоштҳо» натиҷагирӣ ва дурнамои кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аз ҷумла, муайян шудааст, ки дар ҷараёни чопҳои гуногун матни «Ёддоштҳо» ба тағйироти беруна ва як қатор ғалату гуногунхониҳо дучор шудааст. Таҳқиқи мазкур имкон медиҳад, ки дар оянда матни сеҳеҳи асар омода ва ба мутахассисон ва оммаи хонандагон пешниҳод шавад.

Аҳаммияти таҳқиқ, навигариҳои илмӣ ва арзиши амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссияи ташхис ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Шамшоди Ҷамшед дар мавзӯи «Аз таърихи эҷоди «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ (дар асоси матнҳои чопии асар)» таҳқиқи анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D020500 – Филология мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

| | |
|---|---|
| **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович** – | доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ |
| **Олимӣ Хосият Ҳоким** – | номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода |

Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод мешавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — М. Нарзиқул

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — Мақсудов Б

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шӯрои диссертатсионӣ — Сафаров У.